Бо қарори Шӯрои нозирони
Хазина аз “04” марти соли 2020, №5
**“тасдиқ шудааст”**

Тағйиру иловаҳо бо қарори
Шӯрои нозирони
Хазинаи суғуртаи амонату
пасандозҳои Тоҷикистон
аз “19” июни соли 2023, №11
“тасдиқ шудааст”

# БАРНОМАИ
# ИНТИШОРИ МАЪЛУМОТ БАРОИ ОММАИ ВАСЕЪ ДАР БОРАИ НАҚШИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲО

**Барномаи**
**интишори маълумот барои оммаи васеъ**
**дар бораи нақши низоми суғуртаи амонату пасандозҳо**

Барномаи интишори маълумот барои оммаи васеъ дар бораи нақши низоми суғуртаи амонату пасандозҳо (минбаъд – Барнома) мутобиқи моддаҳои 5, 6 ва 35-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо”, стратегия ва дигар санадҳои меъёрии Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд - Хазина) таҳия гардида, он маҷмӯи чорабиниҳо дар самти пешбурди корҳои таблиғотию ташвиқотӣ аз ҷониби Хазина баҳри таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд.

Иттилоотонӣ ва огоҳонии ҷомеа оид ба моҳият ва нақши низоми суғуртаи амонату пасандозҳо яке аз самтҳои асосии фаъолияти Хазина ҳамчун ниҳоди низомташкилкунанда ба ҳисоб меравад. Мақсади асосии Барнома аз паҳнсозии маълумот, огоҳонӣ ва ташкили корҳои фаҳмондадиҳӣ ба аҳли ҷомеъа оид ба нақши низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, афзалиятҳо ва маҳдудиятҳои он, инчунин баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ иборат мебошад.

Тавре таҷриба нишон медиҳад, афзоиши сатҳи хавфҳо, бадшавии сифати дороиҳо ва мушкилии муваққатии пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ метавонад боиси иҷро нагардидани уҳдадории ташкилотҳои қарзӣ дар назди пасандоздорон гардад. Дар навбати худ ҳолати мазкур ба нобоварии пасандоздорон ҷиҳати бехатарии маблағҳои худ ва ташвишу мароқи онҳо барои яку якбора бозпас гирифтани амонату пасандозҳо ва билохир ба вазъи номуътадили ташкилоти қарзӣ оварда расонида, ба вазъи суботи молиявӣ ва низоми бонкӣ хавфҳо ва пайомадҳои манфӣ дошта бошад.

Дар мавриди суст ва нокифоя будани сатҳи огоҳонӣ ва иттилоотнокии аҳли ҷомеа дар бораи хусусиятҳои низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, эҳтимолияти зиёд гардидани шиддати иҷтимоӣ байни пасандоздорон ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳолатҳои суғуртавӣ бамаротиб меафзояд.

Дар ин раванд, мавҷудияти низоми хуб фаъолияткунандаи суғуртаи амонату пасандозҳо, барои пешгирӣ намудани чунин ҳолатҳо зарур буда, он ба устувории вазъи низоми молиявӣ ва коҳиш додани шиддати иҷтимоӣ байни аҳолӣ таъсири мусбӣ мерасонад.

Бо назардошти оне, ки низоми суғуртаи амонату пасандозҳо шумораи бештари пасандоздоронро (зиёда аз 94 фоиз) ҳимоя менамояд, мизоҷон дар сурати доштани маълумот пурра оид ба пардохти ҷубронпулӣ, барои бозпас гирифтани амонату пасандозҳо, ки он боиси бад гардидани ҳолати ташкилоти қарзӣ мегардад, мароқ зоҳир наменамоянд.

Бинобар ин, барои таъмини самаранокии фаъолияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо бағоят муҳим аст, ки ба аҳли ҷомеа ва бахусус пасандоздорон пайваста дар бораи афзалиятҳо ва хусусиятҳои суғуртаи амонату пасандозҳо, аз ҷумла оид ба фаъолият, ваколат ва вазифаҳои Хазина, сатҳи фарогирии суғуртаи амонату пасандозҳо, андозаи ҷубронпулӣ ва маблағгузории Хазина, интишори маълумоти дуруст ва дақиқ ба пасандоздорон ҳангоми фарорасии ҳолатҳои суғуртавӣ, тартиби пардохти ҷубронпулӣ, масъалаҳои шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ, маълумоти муътамад ва кофӣ расонида шавад.

Яке аз принсипҳои асосии (Принтсипи 10 – Иттилоотонии Ҷомеа) Асотсиатсияи байналмилалии суғуртакунандагони пасандозҳо (IADI) низ чунин далолат мекунад: «Бо мақсади ҳимояи пасандоздорон ва мусоидат ба суботи молиявӣ зарур аст,

ки ҷомеа мунтазам оид ба бартариятҳо ва маҳдудиятҳои низоми суғуртаи амонату пасандозҳо хабардор карда шавад.».

Дар ин робита, афзалиятҳои фаъолияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо бояд мунтазам ва ба таври доимӣ аз ҷониби ниҳоди ваколатдори кишвар, яъне Хазина мавриди барномарезӣ, интишор ва паҳнсозӣ қарор дода шавад, то ин ки эътимоднокии фаъолияти худи Хазина ва низоми суғуртаи амонату пасандозҳо таъмин карда шавад.

Вобаста ба ин, Барномаи мазкур хосатан ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва таҳкими боварии аҳолӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда шуда, дар он вазифаҳои асосии зерин муайян шудаанд:

1) муайян намудани аудиторияи мақсаднок ва каналҳои иртиботӣ (комуникатсионӣ) барои паҳн кардани маълумот дар бораи Хазина;

2) таҳия намудани маводҳои иттилоотӣ барои ҳар як канали иртиботӣ;

3) таҳия намудани нақша оид ба паҳнсозии маълумот тавассути ҳар як канали иртиботӣ ва пешниҳод намудани маводҳо мувофиқан ба ҳар як канали иртиботӣ;

4) гузаронидани мониторинг ва таҳлили самаранокии каналҳои иртиботӣ;

5) муайян кардан ва ба нақша гирифтани захираҳои (буҷети) мувофиқ барои амалигардонии Барнома.

Баҳри самаранокии татбиқи Барнома муайян намудани аудиторияи мақсаднок, яъне гуруҳи шахсоне, ки муҳтавои Барнома ба онҳо равона гардидааст, аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Қайд намудан зарур аст, ки яке аз аудиторияҳои асосии мақсаднок ин пеш аз ҳама ташкилотҳои қарзӣ, ки ҳамчун узви

низоми суғуртаи амонату пасандозҳо масъулиятро бар дӯш доранд, мебошанд. Бахусус, аз дараҷаи омодагии кормандони фронт-офис ё шӯъбаҳои амалиётии ташкилотҳои қарзӣ вобастагии зиёд дорад, зеро онҳо бевосита бо мизоҷони потенсиалӣ ва пасандоздорон дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ робита доранд. Барномаи мазкур дар ин самт таълими пеш аз ҳама чунин аудиторияро пешбинӣ менамояд, то ин ки онҳо тавонанд ба мизоҷони худ оид ба суғуртакунии амонату пасандозҳо маълумот ва ба саволҳои дахлдори онҳо посухи мушаххас диҳанд. Аз ҷумла, ташкилотҳои қарзӣ бояд ҳавасманд бошанд, ки ба таври фаъол муштариёнро оиди узвияти худ дар Хазина, оиди намудҳои амонату пасандозҳои суғурташаванда, андозаи ҷубронпулӣ ва дигар ҷабҳаҳои марбута саривақт хабардор намоянд.

Бояд онро ба инобат гирифт, ки гуруҳҳои аудиториявӣ бояд қишри васеъро фаро гирифта, вобаста ба вазъи низоми бонкӣ ва ваколатҳои Хазина метавонад гуногун бошад ва тағйир ёбад.

Бо назардошти ин, дар Барномаи мазкур гуруҳ ва зергуруҳҳои зерини аудиторияи мақсаднок муайян шудаанд:

1) аҳли васеи омма, табақаҳои гуногуни аҳолӣ (масалан, кормандони ташкилотҳо, хонандагони синфҳои болои мактабҳои миёна, донишҷӯён, нафақахӯрон, ассотсиатсияҳои гуногун, мизоҷони потенсиалӣ);

2) пасандоздорони ташкилотҳои қарзӣ;

3) ташкилотҳои қарзӣ – узви Хазина (кормандони фронт офисҳо/шӯъбаҳои амалиётӣ, мутахасисоне, ки бо пасандоздорон кор мекунанд);

4) воситаҳои ахбори омма;

5) мақомоти қонунгузор ва дигар мақомоти дахлдор.

Ҳамзамон, барои ҷалб кардан ва расидан ба аудиторияи мақсаднок, вобаста ба хусусиятҳои он воситаҳо ва каналҳои

гуногуни иртиботии махсус муайян шудаанд. Аз ҷумла каналҳои иртиботие, ки тавассути онҳо маълумот паҳн мегардад, инҳоянд:

1) телевизион, радио, нашрияҳо ва рӯзномаҳои фарогир, шабакаҳои иҷтимоӣ;

2) маводҳои иттилоотӣ ва омӯзишӣ (резаахбор, плакатҳо, брошюра, буклет, флаерҳо, нишонҳо, саволҳои бештар пурсидашаванда, ҳисоботҳои даврӣ);

3) сомонаи интернетии Хазина;

4) маркази тамос ва телефони боварии Хазина (колл-сентр);

5) ташкили семинарҳо, вохуриҳо, рӯйнамоиҳо ва ғайра;

Дар доираи Барнома вобаста ба ҳар як аудиторияи мақсаднок ва каналҳои иртиботӣ, маводҳои оммафаҳми иттилоотии мушаххас оид ба мазмуну муҳтавои асосии фаъолияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо таҳия карда шуда, корҳои фаҳмондадиҳии дахлдор вобаста ба вазъи низоми бонкӣ (дар давраҳои муқаррарӣ ва ё бухронӣ) тибқи нақшаи паҳнсозии маълумот пеш бурда мешаванд.

Дар самти мониторинг ва таҳлили самаранокии фаъолияти иттилоотонӣ ва огоҳонии ҷомеа оид ба нақши низоми суғуртаи амонату пасандозҳо, гузаронидани назарсанҷишҳои даврӣ тавассути пурсишномаҳои хаттӣ ва онлайн пурсишҳо, бо истифода аз почтаи электронӣ ва дигар шаклҳои муқаррарӣ пешбинӣ карда мешавад.

Бояд қайд кард, ки сабти видеонаворҳои рекламавӣ, таҳияи хабарҳо дар телевизион, радио ва нашрияҳо, чопи маводҳои иттилоотӣ, хизматрасонии сомонаи интернетӣ ва маркази тамос хароҷотҳои иловагиро талаб менамоянд. Аз ин лиҳоз, муайян кардан ва ба нақша гирифтани хароҷотҳо низ аз омилҳои муҳим барои амалигардонии пай дар пайи Барномаи мазкур ба ҳисоб рафта, он бояд ҳар сол дар харҷномаи Хазина ба инобат гирифта шавад.

## Каналҳои иртиботӣ:

| | |
|---|---|
| 1. **Телевизион**<br>а) Шабакаи якум<br>б) Ҷаҳоннамо<br>в) дигар шабакаҳои ТВ<br>➢ сатри равон (дар ҳолати муфлисшавии ташклотҳои қарзӣ)<br>➢ видеонаворҳои рекламавӣ | 2. **Радио**<br>а) Ватан<br>б) Имрӯз<br>в) дигар васоити радио<br>➢ эълон (дар ҳолати муфлисшавии ташкилотҳои қарзӣ)<br>➢ реклама |
| 3. **Нашрияҳои чопӣ**<br>а) Ҷумхурият<br>б) Азия Плюс<br>в) маҷаллаҳои соҳавӣ<br>г) Рекламная газета<br>➢ эълон (дар ҳолати муфлисшавии ташкилотҳои қарзӣ) | 4. **Интернет (сомона, шабакаҳои иҷтимоӣ)**<br>а) сомонаи Хазина<br>б) сомонаи БМТ<br>в) сомонаи бонкҳо /ТАҚХ<br>г) Фейсбук, Ютуб ва ғ.<br>➢ маълумот дар бораи Хазина |
| 5. **Телефон**<br>а) Маркази тамоси Хазина<br>б) пойгоҳи мизоҷон бо маълумоти тамос<br>➢ машваратдиҳӣ ба шаҳрвандон ҳангоми муроҷиати онҳо ба маркази тамоси Хазина<br>➢ смс-паёмакҳо аз номи Хазина ба рақами телефони пасандоздорон (дар ҳолати суғуртавӣ) | 6. **Ташкилотҳои қарзии узви Хазина**<br>а) иртиботи шифоҳии маълумот ба мизоҷон<br>б) плакатҳо/ буклетҳо<br>в) ҷойгиркунии маълумот дар бораи низоми суғуртаи амонату пасандозҳо<br>г) ҷойгиркунии видеонавори рекламавӣ дар толорҳои қабули мизоҷон |
| 7. **Нишонаҳо ва логотипи Хазина, роҳнамои иттилоотӣ, брошюра, плакат, буклет (саволҳои бештар пурсидашаванда)** | 8. **Ба роҳ мондани ҳамкории судманд дар самти ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, барпои вохӯриҳо ва семинарҳо** |